# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" оид ба диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзӯи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Комиссияи ташхиси назди Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 026-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раиси комиссия **О.А.Исломов** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор; аъзоён **А.А.Азизов** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва **Файзиев И.Д.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор оид ба қабул намудани диссертатсияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Ташаккули инсони соҳибмаърифат, мутахассиси соҳибкасби ҷавобгӯ ба талаботи муосири пешрафтаи илмӣ-техникӣ пеш аз ҳама ба рушди ҷаҳонбинии насли ҷавон мусоидат мекунад, кадоме ки асоси онро сохтори мукаммали асосҳои назариявии фалсафӣ, тасаввурот дар бораи симои ҷаҳон, дар бораи раванди маърифати илмӣ, тафаккури илмӣ ва эътиқодҳои материалистиро ташкил медиҳанд.

Муаммои ташаккули ҷаҳонбинии диалектикӣ бо тасдиқи мавқеи инсондӯстии ҳаёти фаъоли шахсӣ, рушди ташаббусҳои коллективӣ, гурӯҳҳои

иҷтимоӣ, халқ дар маҷмӯъ, аз он ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ марбут аст. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир асоснок намудани механизми ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таълим махсусан муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Худойназаров М.А. дар марҳилаи кунунии рушди низоми маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили асосҳои илмӣ-назариявии муаммои таҳқиқшаванда муаллиф имконият пайдо намудааст, ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян намуда, хулосаҳои асоснок ва муҳимро коркард намояд.

Яке аз ҷузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани мундариҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти технологияи педагогӣ, нақша-барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиқкорона мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст. Дар асоси чунин муносибат ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ теъдоди муайяни омӯзгорон ва хонандагонро фаро гирифта дар муассисаҳои таҷрибавӣ технологияи муаллифии педагогиро доир ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон самаранок дар амалия тадбиқ намояд ва ба хулосаҳои амиқи илмӣ ноил гардад.

Боиси қайд аст, ки боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили

шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, бо истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Фарҳанги мутаносиби унвонҷӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ комиссияи ташхиси назди Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 026 чунин хулоса менамояд:

1. Диссертатсияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мутобиқ ба талаботи банди 53 -и Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Дисссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогика ва психология, инчунин дар шӯрои олимони факултети филология ва таҳсилоти ибтидоии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар “Хулосаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент” ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ

гардидааст.

2. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ ва мустақилона анҷомёфта буда, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи муайян намудани шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро фаро мегирад.

3. Дар диссертатсия пешниҳоду хулосаҳои илмии асоснок ва боэътимод коркард шудаанд, ки дар самаранокии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзуи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

4. Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №81 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 8 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 3 адади

он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

7. Диссертатсия ба талаботи банди 31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзуи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба Шӯрои диссертатсионии

6D.КОА-026-и назди МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

2. **Туев Шоҳин Шоевич** –номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавсия карда мешавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
**О.А.Исломов**

доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.
*Суроға: ш.Хуҷанд, 735700, микроноҳияи 8, х.87, ҳ.43;*
*Тел.: (992) 92-759-44-42;*
*email:*ozjdi_55@mail.ru

**Аъзоёни комиссия:**
**А.А.Азизов**

доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.
*Суроға: ш.Хуҷанд, 735700, микроноҳияи 12, хонаи 13, ҳуҷраи 41;*
*Тел.: (992) 92-747-41-15;*

**И.Д.Файзиев**

доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.
*Суроға: ш.Хуҷанд, 735700, микроноҳияи 32, х.54, ҳ.32;*
*Тел.: (992) 92-821-20-70;*

**Имзои раис ва аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ мекунам.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Н.А.Ҳамробоев**
*Тел.: 93-766-36-00*
*email: knasim@mail.ru.*

«__23__»__12__», соли 2022